**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Садирова Сумайро Саидаҳмадовна дар мавзуи «Таъсири гардолудкунандаҳо ба пайдошавии унсурҳои ҳосил дар дурагаҳои гетерозисии пахта дар шароити водии Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

Пахта зироати стратегӣ маҳсуб ёфта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба парвариш ва баланд бардоштани ҳосилнокии он бо истифода аз навъҳои нав ва дурагаҳои гетерозисӣ таваҷҷуҳи калон зоҳир карда мешавад. Иқлими гарми Тоҷикистон ва, махсусан, водии Вахш ба ин кор мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, донишмандони соҳа бо таваҷҷуҳ ба мавридҳои дар боло зикршуда, тамоми тадбирҳо ва имкониятҳоро ба кор мегиранд, ки ҳосилнокии пахтаро баланд бардошта, саноати нассоҷии кишварро бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ таъмин намуда, иқтидор ва потенсиали иқтисодии Ватани азизамон Тоҷикистонро баланд бардоранд. Кор ва автореферати пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Садирова Сумайро Саидаҳмадовна низ ба ҳамин масъала бахшида шудааст.

Муаллифи диссертатсия дар бахши мубрамии масъалаи таҳқиқшаванда қайд мекунад, ки муҳимтарин омили баланд бардоштани ҳосилнокии пахта доштани навъҳои устувору серҳосил ва дурагаҳои гетерозисӣ бо иқтидори баланди ҳосилнокӣ ва сифати нах мебошад. Сипас дар бахшҳои баъдии тадқиқот роҳҳои ба даст овардани ҳадафу мақсадҳои дар кор гузошташударо шарҳу тавзеҳ додааст. Шарҳи мушкилоти ба даст овардани тухмии дурагаҳои гетерозисӣ ҳангоми гардолудкунии дастӣ ва хароҷотҳои иловагии он қимати кори диссертатсиониро ба маротиб боло бурдааст.

Муаллиф самаранокии иқтисодии усулҳои гирифтани тухмии дурагаҳои гетерозисӣ, ҳангоми худгардолудкунии навъӣ, гардолудкунии дастии байнинамудӣ ва занбӯргардолудкунии байнинамудии пахтаро шарҳ дода, исбот намудааст, ки бо истифода аз оилаҳои занбӯри асал ба маротиб кам намудани хароҷоти истеҳсолӣ барои ба даст овардани тухмии дурагаҳои гетерозисии байнинамудӣ ва дохилинамудӣ имконпазир аст.

Дар қадамҳои дигари таҳқиқот муаллиф имконияти пурзӯр кардани гардолудкунӣ тавассути оилаҳои занбӯри асал, роҳҳои шиддатнок сохтани сергардолудкунии гулҳо, пайдо кардани самараи баланди гетерозис дар байни комбинатсияҳои ҷуфтшаванда, баҳои қиёсии натиҷавии самаранокии намудҳои гардолудкунӣ, тағйирёбии ҳосилнокӣ ва сифати ҳосил дар насли волидайну дурагаҳоро мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор додааст. Ҳолати инкишофи волидайн ва дурагаҳои гетерозисиро аз рӯйи нишондодҳои баланди поя, шумораи навдаҳои ҳосилдеҳ, баландии буғуми

гулпайдокунанда, амали шабонарӯзии шаҳдҷудокунӣ, қанднокии шаҳди шаҳддонҳо, амали рафтуомади занбӯрҳои асал ба шаҳдонҳои гулӣ, ташаккулёбии элементҳои ҳосил ва ниҳоят ҳосилнокии навъҳои волидайнӣ ва дурагаҳои гетерозисиро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Ба ин қонеъ нагардида, баромади тухмиро ҳангоми усулҳои гуногуни гардолудкунӣ ва ниҳоят потенсиали дурагаҳои гетерозисии бадастовардаашро дар алоҳидагӣ таҳқиқ карда, ба он баҳои илман асоснокшуда додааст.

Хулоса, муаллифи кори диссертатсионӣ Садирова С.С. як таҳқиқоти васеи назариявӣ, методологӣ ва амалиро ба анҷом расонида, хулосаи илмии иборат аз 8 банд ва тавсияе иборат аз 2 бандро барои истифодаи амалӣ ба истеҳсолотчиён пешниҳод кардааст.

Муаллиф корҳои анҷомдодаи хешро хулоса намуда, бо далелҳои муътамад ва бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ ва таҷрибаҳои доир кардаи саҳроӣ асоснок намудааст.

Дар асоси мақсади гузошташуда, унвонҷӯ вазифаҳои таҳқиқотро гурӯҳбандӣ намуда, барои иҷрои ҳар як гурӯҳи вазифаҳо аз равишҳои илман асоснок карда шуда истифода намудааст.

Ҳамин тариқ, аз муҳтавои автореферати кори диссертатсионии ба ҳимоя пешниҳоднамудаи диссертант Садирова С. С. бармеояд, ки кори анҷом додаи ӯ аҳамияти баланди илмӣ, амалӣ ва методологӣ дошта, натиҷаҳои ба даст овардааш барои илм ва истеҳсолоти кишоварзӣ бисёр муҳим мебошанд. Кори таҳқиқотӣ дар асоси талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Ректори МДТ «ДДБ
ба номи Носири Хусрав»
доктори илмҳои биологӣ профессор,
узви вобастаи АМИТ Давлатзода С. Х.

Имзои Давлатзода С.Х.–ро
тасдиқ менамоям, Садори шуъбаи
кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ
«ДДБ ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷ. А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Бохтар кӯч. Айнӣ 67, тел: 8(3222) 2-54-81, 2-48-63,
почтаи электронӣ: bgu-1978@mail.ru
«16» 03 2023